**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи диссертатсионии Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. -Душанбе, 2020.**

Таърихи башариятро бе корнамоии шахсиятҳои илмӣ тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Дар ин росто, дар таърихнигории тоҷик хизмати узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор Ҳақназар Назаров бемуболиға калон аст.

Имрӯз, ки кишвари маҳбубамон Тоҷикистон ба туфайли муҳимтарин дастоварди сиёсиву таърихии худ дар замони нав истиқлоли давлатиро соҳиб аст, ин қарзи виҷдонии мо ватандорон ҳисоб меёбад, ки аз чеҳраҳои саршиноси илмии худ дифоъ намоем, ҳаёт ва фаъолияти илмии онҳоро мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор диҳем.

Аз ин рӯ, даст задани диссертант Д.С. Қодиров ба рӯзгори шахсиятҳои илмӣ дар симои Ҳақназар Назаров кори хайр маҳсуб меёбад ва ин кор бояд оянда низ дар нисбати дигар чеҳраҳои илмӣ идома ёбад. Умуман рисолаи диссертатсионии Д.С. Қодиров ба таҳқиқи саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон бахшида шудааст, ки аз нигоҳи таърихӣ, назариявӣ ва амалӣ дар шароити имрӯза мубрам маҳсуб меёбад. Ҳ.Назаров бо мероси илмии худ оид ба ҳаёти сиёсӣ ва таърихию фарҳангии Афғонистон дар байни муҳаққиқони тоҷик ҷойи намоёнро ишғол менамояд ва дар ин замина ӯ мактаби афғонистоншиносии қавӣ аз худ мерос гузошт.

Автореферати рисолаи номзадии Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» дар асоси Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории

диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, навишта шудааст.

Қимати илмии рисолаи мазкур дар он зоҳир меғардад, ки аввалин бор саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон ба таври илмӣ инъикос мегардад. Ин нахустин иқдом дар таърихнигории тоҷик дар замони муосир ҳисоб меёбад, ки муҳим мебошад.

Муҳиммияти рисолаи илмӣ ба қавли муаллифи он аз он иборат аст, ки «Ҳ.Назаров ҳамчун муҳаққиқи намоёни таърих ва фарҳанги Афғонистон ва халқҳои Осиёи Марказӣ, шухрати ҷаҳонӣ дошта, берун аз ҳудуди Осиё низ маъруфият пайдо карда буд. Аз ин нигоҳ, таҳқиқ ва ҷамъбасти андешаҳои Ҳ. Назаров, саҳми ӯ ба хусус дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон, баҳогузории илмӣ ва таҳлили осори ӯ, бешубҳа дорои аҳамияти калони илмӣ мебошад».

Дигар вижагии хоси мубрамияти мавзӯъ аз ҷониби муаллифи рисола чунин маънидод гардидааст, ки бархе аз муаллифони афғон имрӯзҳо «консепсия» ва «фарзияҳо»-е пешниҳод намуда истодаанд, ки нақши тоҷикон ва дигар халқиятҳои ғайриафғонро дар таърихи Афғонистон, нодида мегиранд, ки хилофи ҳақиқати таърихӣ ҳисоб меёбад. Ба андешаи муаллифи рисола баъзе аз афғонистоншиносон дар садаи гузашта ва имрӯз низ далелҳои таърихиро оид ба нақши тоҷикон ва дигар халқиятҳои ғайриафғонро дар таҳкими давлатдории Афғонистон таҳриф месозанд. Аз ин рӯ, дидгоҳи Ҳ.Назаров перомуни аксари масъалаҳои муҳимми таърихи Афғонистон аз таърихнигории расмии Афғонистон ва афғонистоншиносони Шӯравӣ низ тафовут дорад.

Баъди шинос шудан бо автореферати рисолаи илмӣ аён гардид, ки диссертант чунин навгониҳоро баён менамояд:

– нақши олим дар таъсиси мактаби илмии афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон нишон дода шудааст;

– нақши Ҳ.Назаров дар рушди илми ховаршиносӣ дар Тоҷикистон, саҳми шахсии ӯ дар омодасозии мутахасисони соҳа, дар таҳияи китоб ва маводи таълимӣ оид ба таърихи мамлакатҳои Шарқ, ба таври объективӣ ҷамъбаст ва муайян карда шудааст;

– саҳми муҳаққиқ дар таҳлили вазъи иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX муайян карда шудааст;

– саҳми устод дар таҳқиқи ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистон баррасӣ ва мушаххас шудааст;

– мавқеъ ва баҳои Ҳ.Назаров ба ҷунбишҳои сиёсию иҷтимоӣ ва маорифпарварӣ дар Афғонистон таҳлил гардидааст;

– нуқтаи назари муҳаққиқ ба масъалаи миллӣ, таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳангии Афғонистон таҳлил гардидааст;

– консепсияи Ҳ.Назаров оид ба омӯзиши шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ арзёбӣ шудааст;

– исбот карда шудааст, ки хулосаҳои илмии олим вобаста ба масоили таърих ва фарҳанги Афғонистон дар шароити имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол низ мубрамияти худро ниғоҳ медоранд.

Автореферaтро бодиққат омӯхта, мо чунин хулосабарорӣ намудем, ки ҳақ ба ҷониби муаллифи рисола ҳаст, ки таъкид менамояд, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи таърихи Афғонистон, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ–методӣ барои

кӯмак ба омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ метавон истифода кард.

Ҳамин тавр, мо чунин иброз менамоем, ки рисолаи номзадии Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» кори пурра анҷомёфтаи илмӣ буда, ба тамоми талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда мебошад.

Ходими пешбари Шуъбаи
тавсиф ва таҳияи феҳристҳои
Маркази мероси хаттии АИ ҶТ
номзади илмҳои таърих, дотсент Элчибеков Қ.

**Суроға:** 736025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Ҳусейнзода Ш., 35.
Маркази мероси хаттии АИ ҶТ
Телефон (+992) 919148701
E-mail: qudrat_38@inbox.ru

«Имзои Элчибеков Қ.-ро тасдиқ мекунам»
Нозири калони кадри Маркази мероси
хаттии АИ ҶТ Раҳмонзода С.

ШУЪБАИ КАДРҲО